# Хулосаи

## шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 014
## дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур
## аз рӯйи Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
## номзади илмҳои иқтисодӣ

Парвандаи аттестатсионии № ___________

Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 17.04.2021, суратҷ. № 96

Барои сазовор донистани Шарипов Иломжон Орифович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146) ба ҳимоя қабул карда шуд (суратҷ.№92 аз 09.01.2021), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№24 аз 06.06.2017) таъсис гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарипов Иломжон Орифович, соли таваллудаш 1974, соли 1997 факултети менеҷменти филиали душанбегии Донишгоҳи озоди Тоҷикистонро бо гирифтани тахассуси иқтисодчӣ-менеҷер хатм намудааст. Солҳои 2010-2020 дар вазифаҳои омӯзгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, муовини декан оид ба тарбияи факултети менеҷмент, муовини декан оид ба тарбияи факултети менеҷмент ва низоми гумрукии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор карда истодааст.

Солҳои 2014-2018 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ**

Шарифов Зариф Раҳмонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Муқарризони расмӣ**

Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Комилов Низомиддин Бегаҳмадович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи эксперт, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳимов О.А. имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

1.Шарипов И.О. Задача государства в поддержке, регулировании и развитии многоукладного сельского хозяйства //Кишоварз (Земледелец) /ТАУ им. Ш.Шотемур - Душанбе, 2016.-№1.-С.71-74.

2.Шарипов И.О., Садриддинов Н.Т. Место горных территорий в многоукладной экономике рыночного типа //Вестник Курган-Тюбинского государственного университета - Курган-Тюбе, 2016. -№1/2(37).-С.107-113 (0,6 п.л. автора).

3.Шарипов И.О. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи манзилӣ, муносибатҳои заминдорӣ //Кишоварз /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур – Душанбе, 2020.-№1 (86). -С.185-188.

4.Шарипов И.О. Самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав - Бохтар, 2020. -№1/1(71). -С. 202-207.

5.Шарипов И.О., Шарифов З.Р. Таҳлили ҳолати имрӯзаи истифодабарии захираҳои об дар вилояти Хатлон //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Душанбе, 2020.- №4. -С.51-55 (0,4 ҷ.ч. муаллиф).

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд, аз:**

**1. Доктори илмҳои иқтисодӣ Комилов С.Ҷ.** – профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тақризи худ чунин эродҳоро нишон додааст: *1. Дар автореферат асоснокии равишҳои методологии самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замину об нишон дода нашудааст; 2. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, агар дар автореферат самтҳои инноватсионии баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин ва об дар кишоварзӣ оварда мешуд; 3. Дар автореферат баъзе ибораҳо ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд.*

**2. Доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б.** – муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи худ чунин эродҳоро нишон додааст: *1.Дар автореферат арзёбии нишондиҳандаҳое, ки ҷанбаҳо ва муносибатҳои экологии истифодаи заминро тавсия медиҳанд, дида намешаванд; 2.Дар баъзе мавридҳо ибораҳо ва ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд.*

**3. Номзади илмҳои иқтисодӣ Абдалимов А.** - дотсенти кафедраи менеҷменти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар тақризи худ чунин эродҳоро нишон додааст: *1.Дар автореферат баъзе камбудиҳои услуби ва таҳрирӣ дида мешаванд; 2.Баъзе хулосаҳои муаллиф хусусияти умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд; 3.Дар навгониҳои илмии таҳқиқот омадааст, ки "... низоми тадбирҳо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ, иҷоравӣ, байниқабатии заминҳо таҳия карда шуда аст ...". Дар ин ҷо ҷиҳати "истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираи байниқабатии заминҳо" чӣ дар назар дошта мешавад?*

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси маъруфияти онҳо дар соҳаи агроиқтисодиёт, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт. Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда дар он асос ёфтааст, ки самти фаъолияти илмии таҳқиқотӣ ва амалии воҳиди сохтории он ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, ба додани тақриз розӣ мебошад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷабҳаҳои назариявии самаранокии истифодабарии захираҳои замину об омӯхта шуда, усулҳои баҳодиҳӣ ва самтҳои оқилона истифодабарии захираҳои замину об дар шароити бозор муайян карда шудаанд;

- низоми муносибатҳои иқтисодии истифодабарии захираҳои замину об дар шароити иқтисодиёти гуногуншакл асоснок карда шуда, таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба истифодаи захираҳои замину об омӯхта шуда, механизми истифодабарии онҳо дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳқиқ карда шудааст;

- дар асоси омӯзиши адабиёти илмии иқтисодӣ ва ақидаҳои коршиносони соҳаи иқтисодиёт тадбирҳо оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои замину об бо назардошти баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи иқтисодии он дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон ошкор карда шудаанд;

-дар заминаи қоидаи гидрографию ҳудудии ташкили идораи захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ ташкили низоми худмухтори идоракунии низоми обёрии ҳавзавӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин, механизми иқтисодии истифодаи интенсивии захираҳои замину об муайян гардида, имконияти истифодаи обҳои

чашмаҳо ҷиҳати обёрии заминҳои кишоварзии ноҳияҳои кӯҳии вилояти Хатлон баҳо дода шудааст;

- дурнамои рушди нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки замин аз рӯйи зироатҳои асосии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон барои соли 2025 муайян карда шудааст.

-консепсия ва модели ташкили истифодаи самараноки захираҳои замин ва об барои ноҳияҳои камзамин ва дорои захираҳои барзиёди аҳолии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок мешавад, ки дар он:**

- дар соҳаи аграрии вилояти Хатлон таҳқиқоти анҷомёфта ва натиҷаҳои асосии он ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои замину об, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии он, самтҳои таъмини воситаҳои молиявию қарзӣ, инчунин пешгӯии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои замин мавриди истифода қарор мегиранд;

- такмили механизми истифодабарии захираҳои замину об дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳои таҳиянамудаи дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаро метавон дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои беҳсозии ҳолати замин ва мелиоративии заминҳои хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ истифода намуд;

- дастуру пешниҳодҳо ва ҳисобҳои анҷомдодаро барои таҳияи минбаъдаи чорабиниҳо оид ба ҳалли мушкилоти истифодаи сарфакоронаи захираҳои замину об ва асосноккунии баландбардории самаранокии заминистифодабарӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон метавон мавриди истифода қарор дод.

**Баррасии эътимоднокии натичаҷҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- натиҷаҳои кори илмӣ тавассути таҳқиқот, маълумотҳои муфассал, ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлили иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳои илмӣ эътимоднокии худро асоснок мекунанд.

- хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси таҳлили илмӣ назариявию эксперименталӣ асоснок шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ -** дар иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили маълумотҳои ибтидоӣ доир ба асосҳои назариявии мафҳум, моҳияти иқтисодӣ ва ҷабҳаҳои методологии самаранокии истифодаи захираҳои замину об, ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои замин ва об, баҳодиҳии истифодабарии иқтидорҳои мелиоративию обёрикунии хоҷагии кишоварзии вилояти Хатлон, ҷорикунии технологияҳои инноватсионӣ, таҳқиқи омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои

замин ва об дар вилояти Хатлон, роҳҳои баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар кишоварзӣ ва такмили низоми идораи захираҳои замин дар асоси технологияи инноватсионӣ ифода ёфтааст.

Муаллиф натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти худро доир ба таҳқиқи низоми тадбирҳо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои заминҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ, иҷоравӣ, байниқабатии заминҳо ва пешгӯии рушди нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки замин аз рӯйи зироатҳои асосии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии онҳо санҷидааст, ки он бо маълумотномаҳо тасдиқ карда шудаанд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда 6 кори илмӣ, аз ҷумла 5 кори илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷмҳрии Тоҷикистон муайян карда шудааст ба чоп расидаанд. Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ ва амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (2014-2020) баррасӣ гардида, дастгирӣ ёфтаанд.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ аз 17.04.2021 қарори сазовор донистани Шарипов Иломжон Орифович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 14 нафар, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 7 нафар. Овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюлетени беэътибор - нест.

И.в. раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Набиев Т.Т.

Котиби илмӣ шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Исломов Ғ.Ҳ.